**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе,**
**хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Одинаев Баҳодур Абдуҷаборович дар мавзуи «Институти оила дар зардуштия ва ислом: таҳқиқоти таърихӣ-диншиносӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020600 – Диншиносӣ (6D020601 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, 2024. – 28 саҳ).**

Оила яке аз ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳисоб рафта, ҳанӯз қабл аз пайдоиши давлат вуҷуд дошт. Бинобар ин, дар ҳар як марҳилаи таърихӣ институти мазкур тавассути афкори мутафакирон, сарчашмаҳои динию таърихӣ ва асарҳои олимони соҳаҳои фалсафа, таърих, ҳуқуқ, ҷомеашиносӣ ва монанди инҳо танзим мукаррар гардида, мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор дода шудааст. Институти мазкур махсусан дар замони муосир беш аз пеш мубрам гардидааст. Аммо, такмили институти оила дар замони муосир танҳо дар ҳолате ба роҳ монда мешавад, ки таҳаввули таърихии он омӯхта шуда бошад. Оила ҳамчун институти фалсафию ҷамъиятӣ таҳаввули дурударози таърихиро тай намуда, айни замон ба яке аз институтҳои бисёрҷанба ва комплексӣ табдил ёфтааст. Оила дар таълимотҳои зардуштию мусулмонӣ бисёр дар сатҳи васеъ инъикос ёфтааст, ки барои кишварҳои муосир таҷрибаи бойи таърихӣ маҳсуб меёбанд. Бо ин назардошт, омӯзишу таҳқиқи оила дар таълимотҳои зардуштию исломӣ яке аз масъалаҳои мубрами илмию амалӣ ба ҳисоб меравад, ки муҳаққиқ Одинаев Б.А. онро бисёр дар сатҳи баланд таҳқиқу баррасӣ кардааст.

Муҳаққиқ дар доираи як боб таҳаввулу арзишҳои институти оиларо дар таълимоти зардуштия ва дар доираи як боби дигар таърихи ташаккул ва дастовардҳои таълимоти исломиро оид ба институти оила ва таносуби онро бо таълимоти зардуштӣ таҳкик намудааст. Зимни таҳқиқоти илмӣ муҳаққиқ аз методологияи илмӣ истифода намуда, институти оиларо пай дар пай аз таърихи ташаккули он оғоз намуда, дигар масъалаҳои оилавӣ, аз қабили ташкил ва бунёди оила, арзишҳои оилавӣ, шартҳои никоҳ ва монанди инҳоро дар таълимотҳои зардуштию исломӣ баррасӣ кардааст. Бо асосҳои зикршуда гуфтан мумкин аст, ки таҳқиқоти анҷомдодаи муҳаққиқ Одинаев Б.А. таҳқиқоти мукаммали анҷомпазируфта буда, дар он як қатор навгонию хулосаҳо ва тавсияҳои судманд манзур карда шудаанд, ки дар ташаккули минбаъдаи институти оила дорои аҳаммияти калони назариявию амалӣ мебошанд.

Таҳлили автореферати диссертатсияи Одинаев Б.А. дарак медиҳад, ки рисолаи илмӣ дар заминаи сарчашмаҳои нодири таърихӣ-динӣ, пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ ғунҷонида, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Муҳаққиқ таълимоти зардуштӣ ва исломиро оид ба институти оила мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор дода, хулосаҳои зарурӣ баровардааст. Аз ҷумла, муҳаққиқ дар автореферат қайд мекунад, ки оиди таълимоти зардуштия ва ислом вобаста ба масъалаҳои интихоби ҳамсар, синни булуғ, ғуломии зан, гувоҳии зан, муносибат бо зане, ки дар одати моҳона қарор дорад, сиқти ҷанин, маросими дафн, вақти иҷрои маросими дафн, тақсими мерос, шитоб дар издивоҷ, хостгорӣ, ҳадаф аз ташкили ниҳоди оила, қобилияти ҳуқуқдорӣ, дахлнопазирии манзил, таъмини махориҷи ҳамсар мавриди таҳлили муқоисавии диншиносӣ-таърихӣ қарор дода шуда, маълум гардид, ки дар баъзе масъалаҳо бо ҳамдигар ҳамоҳанг буда, дар баъзе масъалаҳои дигар аз ҳамдигар тафовут доранд (саҳ. 11).

Нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалие, ки дар рисола манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияи адабиётҳои нав, анҷом додани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, воситаҳои таълимӣ ва ҳамзамон таҷдиди қонунгузории оилавии кишвар саҳмгузор бошанд. Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он докторант 15 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

Аз мазмуну мухтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузошташударо то ҳадди зарурӣ ҳал намудааст, вале новобаста аз ин, ҳанӯз баъзе масъалаҳое дар ин самт ҷой доранд, ки таҳлилу баррасии алоҳидаро талаб менамоянд. Аз ҷумла:

1. Муҳаққиқ дар автореферат қайд намудааст, ки “Зардуштиён дар ҳама муносибатҳо, махсусан, муносибатҳои оилавӣ ба принсипи пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек такя менамудаанд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки институти оила падидаи нав набуда, таърихи дуру дароз дорад” (саҳ. 9). Муҳаққиқ таърихи дуру дароз доштани институти оиларо танҳо дар асоси истифодаи принсипи пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек асоснок кардааст. Аз муҳаққиқ пурсида мешавад, ки магар чунин асоснокнамоӣ дуруст аст? Инчунин, дар таълимоти зардуштӣ нақши принсипи мазкур дар муносибатҳои оилавӣ чи гуна буд?

2. Дар матни автореферат баъзе хатогиҳои имлоию техникӣ низ ба назар мерасад.

Аммо эродҳои мазкур ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши илмии таҳқиқотро коҳиш намедиҳанд.

Умуман, аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Одинаев Баҳодур Абдуҷаборович дар мавзуи «Институти оила дар зардуштия ва ислом: таҳқиқоти таърихӣ-диншиносӣ», қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст. Автореферати диссертатсия ва дастгоҳи илмии таҳқиқот ба талаботи муқарарнамудаи Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020600 – Диншиносӣ (6D020601 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

номзади илмҳои фалсафа, дотсент,
сармутахассиси Раёсати таълими
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода **Комилов Д.Р.**

**Суроғаи муқарриз:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Муҳаммадиев, 64, 50.
Тел.: (+992) 401401111
Почтаи эл.: www.daler.komilzoda@gmail.com

Имзои Комилов Д.Р.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДБЗХТ
ба номи С.Улуғзода **Юсупова Б.Ғ.**

«19» 03 2024 с.